аз 16.05.2022, №8134/4.2.1 «д»

Мақомоти ҳудудии андоз

Нусха: Шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Қоидаҳои андозбандии сохибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд" аз 31.03.2022, №151 дар таҳрири нав қабул ва аз санаи 1 майи соли 2022 мавриди амал қарор дода шудааст.

Тибқи Қоидаҳои нав як қатор номгуйи намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ аз рӯи патент, ба намудҳои фаъолияти бо шаҳодатнома бо шартҳои махсус амалишаванда гузаронида шуда, ҳамзамон дар дигар ҳолат вобаста ба хусусияти фаъолият гузариши намудҳои алоҳидаи фаъолият аз рӯи шаҳодатнома дар низомҳои андозбандӣ ва шахси ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидаанд. Бинобар ин, дар асоси муқарроти Қоидаҳо зарурияти мутобиқ намудани гуруҳҳои фаъолият, азнавбақайдгирӣ ва гузариши соҳибкорони инфиродӣ ба миён омадааст.

***Доир ба гузариш ва мутобиқ намудани гуруҳҳои фаъолият аз рӯи патент ба шаҳодатнома бо шартҳои махсус ва шаҳодатнома дар низомҳои андозбандӣ***

Мутобиқ ба муқаррароти банди 3 қарори мазкур соҳибкорони инфиродие, ки фаъолияти онҳо ба қарори мазкур мутобиқат намекунад, уҳдадоранд то 1 июли соли 2022 аз қайди давлатӣ гузашта, ҳамзамон фаъолияти соҳибкории худро ба тартиби нав мутобиқ намоянд.

Тибқи қарори қаблӣ номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкори аз рӯи патент амалишаванда 50 гуруҳи фаъолият (категория) –ро ташкил медод. Мутобиқ ба тартиби нав гуруҳҳои фаъолият тағйир ёфта, ба 2 гурӯҳ аз ҷумла, аз рӯи Патент бо 18 номгӯи фаъолият ва аз рӯи Шаҳодатнома бо шартҳои махсус бо 15 номгӯи фаъолият ҷудо гардида, фаъолияти минбаъдаи дигар гуруҳҳои фаъолият қисман ба дигар гуруҳҳо якҷоя гардида, дар дигар ҳолат тибқи шаҳодатнома дар низомҳои андозбандӣ ва шахси ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешаванд.

Тибқи маълумотҳо аз Феҳристи ягонаи давлатӣ ба ҳолати 01.05.2022 дар мақомоти ҳудудии андоз 102797 адад соҳибкорони инфиродии бо патент фаъолияткунанда ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Таҳлил ва коркарди махзани маълумотҳо нишон дод, ки аз шумораи умумии соҳибкорони инфиродии тибқи патент амалкунанда 25272 адад ё 24,6 фоиз он соҳибкороне, ба ҳисоб мераванд, ки гуруҳи фаъолияти онҳо аз рӯи Патент боқӣ монда, ҳамзамон, фаъолияти 49368 адад ё 48,0 фоизи дигарро он соҳибкороне ташкил медиҳанд, ки тибқи тартиби нав фаъолияти онҳо аз рӯи шаҳодатнома бо шартҳои махсус мувофиқат менамояд.

Бинобар ин, бо мақсади халалдор насохтани фаъолият ва таъмини самарноки кор дар ин самти фаъолият номгӯи намудҳои фаъолияти дар гуруҳҳои 8, 18, 19, 21, 22, 29, 23, 24, 26, 27, 28, 42 ва 44 қарори қаблӣ пешбинигардида аз рӯи патент бо назардошти хусусияти таҳририӣ доштан ба гуруҳҳои 1, 2, 3, 5, 6, 8, 9,10 ва 18 бе гузаштани азнавбақайдгирӣ (яъне бе ташрифи соҳибкорон ба мақомоти андоз) ба таври автоматӣ тавассути модули барномаи компютерӣ тағйироти дахлдор ворид карда шуда, намудҳои фаъолияти соҳибкорони аз рӯи гуруҳҳои мазкур фаъолияткунанда ба тартиби нав мутобиқ гардонида шуданд.

Инчунин, намудҳои фаъолияти дар гуруҳҳои 5, 9, 10, 30 ва 47 аз рӯи патент пешбинигардида, мутаносибан ба намудҳои фаъолияти дар гуруҳҳои 2, 4, 5, 7 ва 12 пешбинишуда бе халалдорсозии фаъолият ва ташрифи соҳибкорон ба мақомоти андоз ба таври автоматӣ тавассути модули барномаи компютерӣ аз рӯи патент ба шаҳодатнома бо шартҳои махсус мутобиқ гардонида шуданд.

Бинобар ин, тибқи мактуби зикргардида шуъбаҳо ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродиро зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҳудудии андоз ҷиҳати бо варақаҳои нави патент ва шаҳодатнома бо шартҳои махсус таъмин намудани соҳибкорони инфиродӣ ва бозпас гирифтани варақаҳои қаблан ба соҳибкорон додашуда чораандешӣ намоянд.

Дар баробари ин, намудҳои алоҳидаи фаъолияти қаблан тибқи патент аз рӯи гуруҳҳои 1, 2, 3, 29, 35, 36, 38, 40 ва 46 фаъолияткунанда, ки қаблан якчанд намудҳои фаъолият дар як банд пешбинӣ гардида буданд, бо назардошти ба дигар гуруҳҳо якҷоя ва ҳамзамон дар алоҳидагӣ пешбинӣ гардидани онҳо, (дар маҷмӯъ 7597 адад аз ҷумла, 1442 адад ё 1,4 фоиз он соҳибкороне ба ҳисоб мераванд, ки дорои ду гуруҳи фаъолият, 5820 адад ё 5,7 фоиз он соҳибкороне, ки намудҳои фаъолияти онҳо ба бандҳои алоҳида ҷудо гардида ва 335 адади дигар он соҳибкороне, ба ҳисоб мераванд, ки аз дохили номгӯи фаъолият хориҷ гардида, фаъолияти минбаъдаи онҳо ба шаҳодатнома дар низомҳои андозбандӣ пешбинӣ гардидааст) вобаста ба хусусияти фаъолият маблағи пардохт барои ин соҳбкорон як хел намебошанд, зарурияти ташриф ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ва мутобиқ намудани гуруҳи фаъолияти соҳибкорони мазкурро ба миён меорад.

Намудҳои фаъолияти дар бандҳои 7,8, зергуруҳҳои $9^5$, $9,^6$, $9^7$ ва $9^8$ банди 9, 12, 14, 16, 17, 20, 25, 29, 31, 37, 39, 41, 43, 45, 48, 49 ва 50

пешбинигардида пурра аз номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкории бо патент амалишаванда хориҷ гардида, тибқи тартиби нав фаъолияти минбаъдаи чунин соҳибкорон тибқи шаҳодатнома дар низомҳои андозбандӣ ва вобаста ба хусусияти фаъолият дар шакли шахси ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидааст.

Бинобар ин, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешавад, ки тибқи руйхати пешниҳодшаванда ва огоҳиномаҳои шакли муқарраргардида дар ҳамкорӣ бо шуъбаҳо ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ тағйироти мазкурро дуруст ба самъи соҳибкорон расонида, барои тибқи тартиби муқарраргардида расман қатъ намудани фаъолияти соҳибкории онҳо аз рӯи патент ва ҳамзамон таъмини гузариши онҳо ба шаҳодатнома дар низомҳои андозбандӣ ва шакли шахси ҳуқуқӣ чораҷӯӣ намоянд.

***Доир ба гузариши соҳибкорон аз рӯи шаҳодатнома дар низомҳои андозбандӣ ба шахси ҳуқуқӣ***

Мутобиқ ба талаботи банди 45 Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродӣ, ки бо қарори мазкур тасдиқ аз 31.03.2022, №151 тасдиқ гардидааст, соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда наметавонад, намудҳои зерини фаъолиятро анҷом диҳад.

- истеҳсол ва воридоти маҳсулоти зераксизӣ;
- фаъолияти фондҳои сармоягузорӣ, иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматнок, фаъолияти суғуртавӣ ва қарзӣ, ломбардҳо, истифодабарии захираҳои табиӣ, инчунин фаъолияти дар асоси шартномаҳои комиссия, супориш ва шартномаҳои миёнаравии дигар (бо фаъолияти миёнаравӣ) машғулшаванда;
- қабул, коркард ва (ё) таҳвили металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, консентрат ва маъданҳо;
- фурӯши сӯзишворӣ (ба истиснои нуқтаҳои алоҳидаи сайёр), гази моеъ ва табиӣ, ташкили бозорҳо, меҳмонхонаҳо;
- ташкили коргоҳҳои оҳангудозӣ (ба истиснои кафшергарӣ, корҳои оҳангарии асбобҳои рӯзғор, сохтани дарвоза ва панҷараҳо), коргоҳҳои пахтатозакунӣ (пахтазанак), равғанбарорӣ, мебелсозӣ ва коргоҳҳои истеҳсоли дару тирезаҳои пластикӣ;
- фаъолият оид ба ташкили коргоҳҳои истеҳсолӣ ва фаъолият оид ба банду басти ҳама намудҳои молу масолеҳи сохтмонӣ ва саноатӣ;
- фаъолияти тиббию косметикӣ ва ташхисҳои тиббӣ (ба истиснои тибби мардумӣ);
- хизматрасонии нақлиётӣ (логистикӣ) дар самти ташкили хатсайрҳои мусофиркашонию боркашонӣ, ҳамлу нақли дохилӣ ва байналмилалӣ;
- фаъолият оид ба ташкили нуқтаҳои хӯроки умумӣ, аз ҷумла тарабхона, қаҳвахона, ошхона ва марказҳои калони савдо, агар масоҳати

умумии объекти ғайриманқули онҳо зиёда аз 100,0 метри мураббаъро ташкил диҳад;

- фаъолият дар соҳаи алоқаи барқӣ ва ташкили шабакаи ягонаи иттилоотию коммуникатсионӣ.

Тибқи махзани маълумотҳо ба ҳолати 01.05.2022, аз шумораи умумии 36700 адад соҳибкорони тибқи шаҳдатнома фаъолияткунанда дар мақомоти ҳудудии андоз 5493 адад коргоҳҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла, истеҳсоли мебел, дару тирезаҳои пластикӣ ва масолеҳи сохтмонӣ, 183 адад аз рӯи фаъолияти миёнарвӣ, 59 адад қабул коркард ва таҳвили металҳои қиматбаҳо, 29 адад аз рӯи фаъолияти меҳмонхона, 58 адад барои ташкили бозор, 238 адад коргоҳҳои пахтатозакунӣ, 79 адад фаъолияти тиббию косметикӣ ва 94 адад фаъолияти хизматрасонии нақлиётӣ (логистикӣ) ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд, ки тибқи тартиби нав гузариши чунин соҳибкорон аз рӯи фаъолиятҳои мазкур новобаста аз ҳадди даромад аз санаи бақайдгирии давлатӣ дар шакли шахси ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидааст.

Бо ҳамин назардошт, мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки тибқи руйхати пешниҳодшаванда ва огоҳиномаҳои шакли муқарраргардида дар ҳамкорӣ бо шуъбаҳо ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ тағйироти мазкурро дуруст ба самъи соҳибкорони инфиродӣ расонида, барои таъмини гузариши соҳибкорон ба шахси ҳуқуқӣ чораҷӯӣ намоянд.

Илова ба ин, қайд кардан ба маврид аст, ки тибқи махзани маълумотҳо дар мақомоти ҳудудии андоз 1930 адад соҳибкороне ба ҳисоб меравaнд, ки фаъолияти онҳо оид ба ташкили нуқтаҳои хӯроки умумӣ, аз ҷумла, тарабхона, қаҳвахона, ошхона ва марказҳои калони савдо рост меоянд, ки бо мақсади муайян намудани масоҳати ҷойи фаъолият ва ҳамзамон таъмини гузариши чунин соҳибкорон мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки тибқи руйхатҳои пешниҳодшуда асоснокии маҳалли фаъолияти соҳибкорони мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, барои таъмини гузариши соҳибкорон ба шахси ҳуқуқӣ чораандешӣ намоянд.

Зимнан қайд кардан ба маврид аст, ки тибқи тартиби нав ҳама гуна фаъолияти истеҳсолӣ (ба истиснои хариду фуруши чунин молу маҳсулот) минбаъд тибқи шаҳодатнома дар низомҳои андозбандӣ маҳдуд гардида, фаъолияти минбаъдаи сунин соҳибкорон новобаста аз ҳадди даромад аз санаи бақайдгирии давлатӣ дар шакли шахси ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад.

Хотиррасон карда мешавад, ки тибқи талаботи Кодекси андоз ва қарори мазкур ҳангоми гузариши соҳибкорони тибқи шаҳодатномома дар низомҳои андозбандӣ ба шахси ҳуқуқӣ бе гузаронидани санҷиши сайёри андоз амалӣ карда мешавад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло барои босифат ва дар сатҳи дахлдор таъмин намудани гузариши соҳибкорон, мақомоти ҳудудии андоз, шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда мешаванд:

1. Барои дар муҳлати **то 01.07.2022** пурра ва сифатнок гузаронидани азнавбаҳисобгирии гуруҳҳои фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ аз рӯи

патент ва гузариши онҳо ба шаҳодатнома бо шартҳои махсус, шаҳодатнома дар низомҳои андозбандӣ ва шахси ҳуқуқӣ чораҷӯӣ намоянд;

2. Қабл аз гузаронидани амали азнавбақайдгирӣ ҷиҳати муайян намудани дурустии маблағи уҳдадориҳо бо соҳибкорон санадҳои муқоисавӣ тартиб дода, маблағҳои патенти ин соҳибкорон **аз лаҳзаи мавриди амал қарор гирифтан**, мутобиқ ба меъёрҳои дар номгӯи нави қарор муқarrаргардида ҳисоб ва пардохт карда шавад;

3. Ҳангоми азнавбақайдгирии соҳибкорон ба асоснокии ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда оид ба масоҳати воқеии нуқтаи фаъолият диққати ҷиддӣ дода, барои дуруст ба андозбандӣ ҷалб намудани соҳибкорон чораҳои қатъии иловагӣ андешида андешанд;

4. Ба намудҳои фаъолияти соҳибкорие, ки дар номгӯйи нав (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.03.2022, №151) аз рӯи патент ва шаҳодатнома бо шартҳои махсус дарҷ нагардидаанд ва ё аз номгӯй хориҷ гардидаанд, минбаъд фаъолияти онҳо тибқи шаҳодатнома дар низомҳои андозбандӣ ва бо роҳи ташкили шахси ҳуқуқӣ ба роҳ монда шаванд;

5. Бо назардошти тағйиру иловаҳои воридшуда намудҳои фаъолияти соҳибкорие, ки номгӯи намудҳои фаъолияти онҳо ба номгуи нави қарор бе гузаштан аз азнавбақайдгирӣ (бе ташрифи соҳибкорон ба мақомоти андоз) ба таври автоматӣ дар барномаи компютерӣ мутобиқ гардонида шудаанд, бо роҳи ирсоли огоҳиномаҳо бо варақаҳои нави патент ва шаҳодатнома бо шартҳои махсус таъмин намудани соҳибкорони инфиродӣ ва бозпас гирифтани варақаҳои қаблан ба соҳибкорон додашуда чораандешӣ намоянд;

6. Мактуби дастурии мазкурро дар ҷаласаи васеъи кормандон мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор дода, барои таъмини иҷрои бандҳои мактуби мазкур чораҳо андешида, аз натиҷаи корҳои анҷомдодашуда **ҳар моҳ то санаи 10-уми моҳи минбаъда** ба Кумитаи андоз маълумоти хаттӣ пешниҳод карда шавад;

7. Масъулияти дар муҳлати муқarrаргардида таъмин намудани талаботи мактуби дастурии мазкур ва ба тарзи муташаккилона гузаронидани чорабинии қайдшуда ба зиммаи муовинони сарпарасти Раиси Кумитаи андоз дар минтақаҳо, сардорони Раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, сардорони мақомоти ҳудудии андоз, шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо гузошта мешавад.

*Эзоҳ: рӯйхатҳои соҳибкороне, ки ба таври автоматӣ гуруҳи фаъолияти онҳо мутобиқ карда шудааст ва ҳамзамон соҳибкороне, ки зарурияти гузариш ва мутобиқ намудани гуруҳҳои фаъолият аз рӯи патент ба шаҳодатнома бо шартҳои махсус, шаҳодатнома дар низомҳои андозбандӣ ва шахси ҳуқуқӣ тавассути почтаи электронӣ бо номи «Гузариши соҳибкорон» ирсол карда шудааст.*

Раис Н. Давлатзода